**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**

Ректори МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав», доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор

Қурбонзода М.Р. ________________

«20» ____________ соли 2025

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Сафарзода Мунир Ватан «Назария ва амалияи андрагогика дар низоми такмили тахассуси кадрҳои педагогӣ дар шароити нави Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ).**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.**

Мазмуну мундариҷа ва муҳтавои диссертатсияи Сафарзода Мунир Ватан дар мавзуи «Назария ва амалияи андрагогика дар низоми такмили тахассуси кадрҳои педагогӣ дар шароити нави Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот дар заминаи феҳристи ихтисосҳои кормандони илм аз рӯйи ихтисос дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст иҷро гардида, мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба бандҳои 2, 3, 4, 7, 8, 28 ва 29-и шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пурра мутобиқат мекунад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.**

Мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии мазкурро яке аз проблемаҳои муҳимми илми муосири педагогикаи ватанӣ - асосҳои назариявӣ ва амалии андрагогика дар низоми такмили тахассуси

кадрҳои педагогӣ дар бар мегирад. Аз таҳлили таҷрибаи пешқадами такмили ихтисоси кормандони соҳаи маориф, таҳқиқоти назариявӣ оид ба ин масъала бармеояд, ки дар низоми такмили ихтисоси омӯзгорон ва кадрҳои педагогӣ таҳаввулоти назаррас дар робита ба ҳадаф, мазмун, мундариҷа, усул ва шаклҳои таълим сурат гирифта истодааст. Муҳаққиқон бештар ба роҳу усулҳои гуногуни ҷалби калонсолон ба таълиму омӯзиш таваҷҷуҳ карда, дар ин робита чораҳои амалӣ меандешанд. Аз ҷумла, ташкили шаклҳои махсуси таълим дар корхонаю ташкилотҳо ва алоқаи байни олимону муҳаққиқони соҳа бо намояндагони касбу корҳои гуногун аз ташаббусҳои ҷолиб ва шоистаи дастгирӣ маҳсуб меёбад. Тазаккур бояд дод, ки муаллиф ба масъалаи таълими калонсолон аз нигоҳи назария ва методология рӯ оварда, асосҳои илмӣ ва амалии онро мавриди таҳқиқоти махсус ва доманадор қарор додааст.

Муаллиф бар он ақида аст, ки ташаккул ва рушди таълими калонсолон бахши мустақили илми педагогика буда, ба ташкили раванди пайвастаю муттасили он вобастагии зич дорад. Андрагогика ба унвони бахше аз илми педагогика таълими калонсолонро дар тули умр дар бар мегирад. Бесабаб нест, ки андрагогика ҳамчун илми худшиносиву худогоҳии шахсияти калонсол ба маънии васеъ дарк карда мешавад. Аз ин лиҳоз, илми андрагогика ба рушду такмили ашхоси калонсол мусоидат намуда, дар бозёфти ҷойгоҳи онҳо дар ҷомеа, аз бар намудани донишҳои нав ва иттилооти зеҳнӣ-маърифатӣ кумак мерасонад.

Андешаҳои дар диссертатсия зикршуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки довталаби дарёфти дараҷаи доктори илм Сафарзода Мунир Ватан коркарди роҳу усулҳои ҷадиди назария ва амалияи андрагогикаро дар низоми такмили тахассуси кадрҳои педагогӣ дар шароити нави Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди пажӯҳиш қарор додааст.

Таҳқиқоти мазкурро мубрам ва саривақтӣ арзёбӣ менамоем, зеро муаллиф бо дарназардошти ҳадаф ва вазифаҳои дар таҳқиқот гузошта ва матраҳгардида, аз маҷмуи роҳу усулҳои пешқадами таҳлилу муқоиса, ҷамъбасту хулоса истифода намуда, рисолаи илмии хешро дар пояи баланди илмӣ-методологӣ ва илмӣ-амалӣ ба анҷом расонидааст.

Мубрамии таҳқиқоти диссертатсионии Сафарзода Мунир Ватан боз дар он аст, ки муаллиф дар самти баланд бардоштани сифати таълими калонсолон андешаҳои асоснокро дар робита ба муносибати босалоҳият ба таълим пешниҳод намудааст.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Диссертатсияи Сафарзода Мунир Ватан дар мавзуи «Назария ва амалияи андрагогика дар низоми такмили тахассуси кадрҳои педагогӣ дар шароити нави Ҷумҳурии Тоҷикистон» дорои навгонӣ ва натиҷаҳои баланди илмӣ мебошад ва онро метавон аз бозёфтҳои назарраси муаллиф дар соҳаи педагогикаи ватанӣ арзёбӣ намуд. Матлаб - асолати маърифатии калонсолон дар доираи асосҳои назариявӣ ва амалии илми андрагогика маҳсуб ёфта, он ба маънии комил ва аслиаш роҳнамоии рушди касбии калонсолон дар самти такмили ҳамаҷонибаи маърифатӣ-зеҳнии онҳо мебошад. Дар ин ҷода муҳим он аст, ки такмили тахассуси кадрҳои педагогӣ асоснок гардида, мақому манзалати педагогии онҳо дар роҳи расидан ба ҳадафҳои таҳсили калонсолон дар рисола матраҳ ва пешниҳод шудааст.

Рисола дар асоси таҳқиқи осори гаронарзиши донишмандони илми педагогикаи муосири ватаниву бурунмарзӣ таҳия гардида, ҳамзамон дар роҳи иҷрои пешниҳод, дастур ва супоришҳои дар Паёмҳои ҳамасолаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба роҳандозӣ ва такмили роҳу усулҳои пешқадами таълими қишрҳои гуногуни ҷомеа, аз ҷумла, калонсолон мусоидат мекунад.

Докторант мақсади таҳқиқот ва фарзияи онро аз нигоҳи илмӣ-методӣ муайян карда, онҳоро ҳаллу фасл намуда, хулоса ва

пешниҳодҳоро асоснок намудааст. Дар рисола асосҳои назариявӣ ва амалии андрагогика дар низоми такмили тахассуси кадрҳои педагогӣ дар доираи омӯзиши таҷрибаи пешқадам, таҳлили осори илмӣ, дар заминаи озмоиш, санҷиш ва таҷрибаи дарозмуддат ҳаллу фасл гардидааст. Ҳол он ки заминаҳои илмии методологиву назариявии андрагогика чи дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва чи дар бархе аз мамлакатҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ то ба ҳол ба таври амиқ таҳқиқ нашудааст. Аз ин лиҳоз, гузориши мантиқии масъала ва таҳқиқу баррасии ҳамаҷонибаи илмӣ-назариявии он муҳим ва мубрам будани мавзуи диссертатсияи мазкурро собит месозад.

Баррасии натиҷаи корҳои таҷрибавӣ-озмоишии бадастовардаи муҳаққиқ аз он шаҳодат медиҳад, ки фарзияи аз ҷониби муаллифи диссертатсия пешниҳодшуда тасдиқи амалии худро комилан ба даст овардааст.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта** тавассути таҳлили дастовардҳои навтарини илмҳои педагогӣ ва психологӣ, интихоби усулҳои самарабахши таҳқиқот, ки ба мақсад ва вазифаҳои он созгор ва мутобиқанд, иштироки намояндагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, мутахассисони соҳаи такмили ихтисоси омӯзгорон ва кадрҳои педагогӣ, ашхоси ба озмоиш ва санҷиш ҷалбгардида таъмин карда шудааст.

Унвонҷӯ аз нигоҳи илмӣ таҳқиқоти пурарзишеро ба сомон расонидааст, ки дархӯри ниёзҳои ҷомеаи имрӯза мебошад. Муаллиф тавонистааст, ки на танҳо мубрамияти мавзуъро ба таври дақиқ нишон диҳад, балки натиҷаҳои бадастомадаро низ бо далелҳои қавӣ ва усулҳои таҳқиқотии муосир асоснок намояд.

Муаллиф адабиёти илмӣ, таҳқиқотҳои дар соҳаи педагогикаи ватанӣ ва хориҷии перомуни мавзуи мазкур мавҷуд бударо ба таври амиқ омӯхтааст. Омӯзиш ва таҳлили проблема имкон додааст, ки ҷиҳатҳои тафсилнаёфта ва ба таври бояду шояд матраҳнашудаи онро мавриди пажӯҳиш қарор дода,

роҳҳои самараноки масъала ва ҳалли мушкилоти мавҷударо пешниҳод намояд.

Аз ҷониби муаллиф силсилаи чораҳои мушаххас, аз ҷумла, таҳияи нақшаҳои таълим дар асоси барномаи фанни андрагогика, сафарбар намудани калонсолон ба таҳсили давомнок ва омӯзиши муттасил пешниҳод гардида, коркарди технологияҳои татбиқи андрагогӣ дар низоми такмили ихтисоси омӯзгорони соҳа манзури мутахассисон ва дастандаркорон шудааст.

Саҳеҳияти натиҷаҳои бадастомада асоснок гардида, тавассути андешаю хулосаҳои зерин баён ёфтааст:

1. Аз нигоҳи бунёдӣ-методологӣ: Муаллиф дар робита ба ин пайванди муҳим ба таҳлили амиқи сарчашмаҳо ва адабиёти илмӣ оид ба илмҳои педагогӣ руҷуъ карда, аз бозёфтҳо ва падидаҳои мавзуъ, дарёфти роҳҳои босамари ҳалли таҳсили бомуваффақи калонсолон огоҳии комил пайдо кардааст. Дар ин бобат шиносоӣ бо диссертатсия ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда собит шуда метавонанд.

2. Таҳлили ҳамаҷонибаи мавзуъ: Диссертатсияи Сафарзода Мунир Ватан танҳо ба ҷанбаҳои бунёдӣ-методологӣ маҳдуд нашуда, ҳамзамон асосҳои илми андрагогикаро дар заминаи пояҳои ахлоқӣ, ҳуқуқӣ ва маънавӣ коркард намуда, ба вусъати роҳу равиши таълими калонсолон аз нигоҳи муқаррароти илмӣ-амалӣ баҳо додааст.

3. Истифодаи маводи самараноки илмӣ-педагогӣ: Дар ин росто, бо ба эътибор гирифтани маводи муҳимми илмӣ-педагогӣ дар робита ба таҳлилу ҷамъбасти асосҳои бунёдӣ-методологӣ ба муаллиф имкон додааст, ки амсилаи махсуси таҳсилоти калонсолонро пешниҳод ва асоснок намояд.

4. Робита бо барномаҳои давлатӣ: Натиҷаҳои бадастомада ҷавобгӯи сиёсати ҳукумату давлат дар соҳаи маориф ва илм маҳсуб ёфта, муаллифро барои дарёфти технологияҳои муосири инноватсионии такмили маҳорати касбии омӯзгорон дар бахши таълими калонсолон ҳидоят мекунад.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.**

Диссертатсияи Сафарзода Мунир Ватан дар мавзуи «Назария ва амалияи андрагогика дар низоми такмили тахассуси кадрҳои педагогӣ дар шароити нави Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар ҳаҷми 358 саҳифаи чопи компютерӣ омода шудааст. Диссертатсия аз муқаддима, 5 боб, 16 зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёт иборат аз 306 номгӯй, расму диаграмма, ҷадвал ва феҳристи интишороти илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ иборат мебошад.

Муаллиф дар муқаддимаи диссертатсия аҳаммияти мавзуи таҳқиқро асоснок карда, дараҷаи омӯзиши он, объекту мавзуи таҳқиқот, ҳадаф ва вазифаҳои диссертатсия, асосҳои назариявию методологӣ, навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти назариявию амалии онро ба тафсил ба қалам додааст.

Боби аввали диссертатсия «Андрагогика: ташаккул, хусусиятҳо ва асосҳои назариявӣ» ном дошта, дар он пайдоиш ва ташаккули андрагогика ҳамчун илми махсус, хусусиятҳои хосси таълими калонсолон, асосҳои назариявии андрагогика, таълими калонсолон ва асосҳои ҳуқуқии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муфассал ва ҳамаҷониба таҳлил ёфтааст. Ҳамаи 4 зербоб аз он шаҳодат медиҳанд, ки муаллифи рисола ин равияи ҷадид - таълими калонсолонро чун усули навгонӣ ва ғайрирасмӣ дар робита ба такмили ихтисоси омӯзгорони ин самт ба риштаи таҳқиқ кашида, маҷмуи хусусиятҳои хосси онро муайян кардааст. Ин хусусиятҳо дорои умумият ва фарқиятҳое мебошад, ки муқаррар намудани онҳо аз андрагогҳо маҳорат, малака ва донишҳои махсусро талаб мекунад. Минҷумла, маҳдуд будани муҳлати таҳсилро ба инобат гирифта, нақша ва барномаҳои фишурда ва айни замон пурғунҷоишро таҳия ва роҳандозӣ намоянд. Дар айни замон муаллиф мутмаин аст, ки таълими калонсолон чун падидаи босамари маърифатӣ-зеҳнӣ пайомадҳои хубро дар назар дорад.

Боби дуюми диссертатсия «Стратегияи таҳсили калонсолон дар асоси технологияи муосири педагогӣ ва муносибати босалоҳият ба таълим» ном дошта, дар доираи 3 зербоб тамоюлҳои муосири таълими калонсолон дар

партави талаботи технологияи педагогикаи муосир дар самти андрагогика, назарияи таълими калонсолон дар заминаи технологияи муосири педагогӣ ва вижагиҳои хосси фаъолияти омӯзгор-андрагогро дар заминаи муносибати босалоҳият ба таълими калонсолон ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Муаллиф бар ин ақида аст, ки таҳқиқи масоили марбут ба рушди таълими калонсолон бо назардошти хусусиятҳо ва эҳтиёҷоти равонӣ-иҷтимоии онҳо, бахусус, дар марҳилаи такмили салоҳиятҳои касбии мутахассисон муҳим буда, аҳаммияти муҳимми методологиро касб менамояд ва аҳаммияти стратегиро дар рушди таҳсилоти ашхоси калонсол ба миён мегузорад. Аз ҷумла, унвонҷӯй изҳор медорад, ки дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ ва тағйироти босуръат зарурати андешидани тадбирҳои муассир ҷиҳати омодасозии омӯзгорон барои таълими калонсолон, таҳияи барномаҳои инноватсионии таълимӣ ва технологияҳои муосири омӯзиш ба масъалаи муҳим табдил ёфтааст.

Дар боби сеюми рисола ду масъалаи муҳим: асосҳои ташкилӣ–фаъолсозии раванди таълим ва вижагиҳои фаъолияти андрагогии омӯзгор ҳамчун ҷавҳари амалии таҳқиқот пеши назар омадааст. Аз ҷумла зикр мегардад, ки дар шароити кунунии рушди ҷомеа инсон маълумоти олиро тавассути пайваста худомӯзӣ, худрушдкунӣ, бо роҳи гирифтани маълумоти олии иловагӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва ниҳоят ба василаи таҷрибаи бои зиндагӣ ва ҳаёт ба даст меорад. Ӯ ба ҷузъ фаро гирифта шудан ба таҳсилоти иловагӣ дар коргоҳи меҳнат ва сабқат ширкат меварзад, бо роҳи иштирок дар идҳои гуногуни миллӣ ва давлатӣ, тамошои филму асарҳои саҳнавӣ, сафарҳо ва сайёҳатҳо мунтазам ҷаҳонбинии хешро инкишоф медиҳад. Дар низоми муосири таҳсилоти калонсолон ВАО (телевизион, интернет, радио, филм, мусиқӣ ва ғайра) ҷойи махсусро ишғол менамоянд. Дар амсилаи пешниҳоднамудаи муаллиф омилҳои зикршуда ҳамчун роҳу воситаи самараноки таълими калонсолон амал мекунанд.

Боби чоруми диссертатсия – «Назария, методика ва роҳандозии шаклҳои мухталифи таълим: расмӣ, ғайрирасмӣ ва информалӣ» дар доираи 4 зербоб

моҳият ва асолати «таҳсилоти ғайрирасмӣ» аз назаргоҳи методология ва мақоми он дар низоми такмили ихтисоси омӯзгор, масъалаҳои методологии рушди назарияи «таълими ғайрирасмӣ» оид ба назарияи фалсафӣ-антропологии иртибот ва муошират, ҷанбаҳои дидактикии таълими ғайрирасмӣ дар низоми рушди касбият ва воридкунии таҳсилоти ғайрирасмро ба низоми такмили ихтисоси омӯзгорон дар бар гирифтааст.

Дар ин боб заминаи таълими ғайрирасмӣ, назарияи антропологиву фалсафии иртибот бо ҳар як равиши методологии муосир пайваст ва асоснок шудааст. Падидаи мазкур, аз назари муаллиф, фаъолиятнокии иртиботии муколамаро ифода мекунад. Дар ин росто, муоширату омилҳои иртибот, ҳадафи муоширату маҳсули иртиботӣ ва ғайра муқаррар гардида, консепсияи таҳсилоти калонсолон ба сифати фаъолияти педагогӣ васеъ ва дақиқ пешниҳод шудааст.

Боби панҷуми рисола – «Натиҷаҳои озмоиш оид ба муайян кардани мақоми таҳсилоти ғайрирасмӣ дар низоми такмили тахассус» унвон гирифта, дар доираи 3 зербоб маълумоти курсҳои такмили ихтисос дар ташкилоти таҳсилоти иловагии касбӣ (дар мисоли вилояти Хатлон), пурсиши посухдиҳандагон оид ба маълумоти ғайрирасмӣ дар низоми такмили ихтисос ва натиҷаи марҳилаҳои озмоиш оид ба ворид намудани таҳсилоти ғайрирасмӣ дар таҳсилоти расмиро мавриди баррасӣ ва ҳаллу фасл қарор додааст.

Дар ин боб таҳсилоти ғайрирасмӣ дар низоми такмили ихтисос дар нақшаҳои таълимӣ ва барномаҳои омодасозии омӯзгорони таҳсилоти ғайрирасмии калонсолон таҳлил гардида, ворид намудани тағйирот ба мазмун, муҳтаво ва талаботҳои нақшаву барномаҳои таълим, тайёрии иштирокдорони гурӯҳҳои назоративу озмоишӣ, зарурати фаъолгардии низоми таҳсилоти калонсолон равшан карда шудааст. Муайян гардидааст, ки солҳои охир талабот курсҳои кӯтоҳмудати марбут ба таҳсилоти ғайрирасмии калонсолон беш аз пеш меафзояд.

Натиҷаҳои бадастомада ва такмили сатҳи омодагии шунавандагон аз рӯйи нишондиҳандаҳои истифодаи «Натиҷаҳои озмоиш ҷиҳати мушаххас кардани мавқеи омӯзиши ғайрирасмӣ дар низоми такмили ихтисос» дар раванди таълим дар давраҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии омӯзгорон дар иртибот ба тайёр намудани омӯзгорони оянда таҳсилоти калонсолон дар низоми такмили тахассус мусбӣ арзёбӣ гардидааст.

Диссертатсия тибқи муқаррароти Дастурамал фаҳмо, бо забони илмии адабии тоҷикӣ навишта шуда, робитаи мантиқӣ ва мутассилӣ ба пуррагӣ риоя карда шудааст. Ҳар як боб шомили хулосаҳои возеҳ мебошад.

Хулосаи асосии диссертатсия дар 23 банд дарҷ гардидааст.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.**

Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсияи Сафарзода Мунир Ватан дар нуктаҳои зерин ифода меёбад:

Аҳаммияти илмӣ: Кори диссертатсионии мазкур аввалин таҳқиқоти проблемавӣ дар соҳаи андрагогика дар низоми соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, натиҷаҳои бадастомада асосҳои илмӣ ва амалии таълими калонсолонро ташкил медиҳад ва дар омӯзишу баррасии ҳамаҷониба ва васеи мавзуъ кумаки калон мерасонад. Дар рисола ба таври возеҳ марҳилаҳои рушду такмили таълими калонсолон муайян ва сохтори мантиқии он таҳия ва пешниҳод шудааст. Зикр бояд дод, ки пойгоҳи бунёдӣ ва ташкили амалии таҳқиқот дар соҳаи мазкур мушаххас карда шудааст. Амсилаҳои фаъолияти дастурдиҳандаи омӯгор-андрагог асоснок гардида, малакаҳои асосӣ, дониш, сифат, салоҳиятмандии педагогии ӯ муайян карда шудааст. Равиши кори омӯзгор-андрагог аз масъулияти анъанавии омӯзгор тафовут дорад.

Аҳаммияти амалӣ: Дар рисола мафҳуми таълими калонсолон васеъ гардида, таҳаввулоти ғояҳо равшан карда шудааст, ки он дар татбиқи асосҳои методологӣ тибқи консепсияи таҳсилоти калонсолон мусоидат менамояд. Муаллиф бо такя ба назарияи фалсафӣ ва антропологии муошират ҳамчун як шакли фаъолияти коммуникатсионӣ дар раванди таълим андешаҳои ҷолибро

пешниҳод намудааст. Ҳамоҳангсозии ҷанбаҳои назариявӣ дар робита ба илми педагогика барои рушди низоми андрагогӣ, муносибати андрагогӣ пешбинӣ ва пешниҳод шудааст. Маводи таҳқиқотро ҳамчун заминаи муҳимми педагогӣ ҷиҳати ташкил ва доир кардан курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маориф метавон самаранок истифода бурд.

Аҳаммияти иқтисодӣ: Таълими калонсолонро дар партави сармоягузорӣ баояндаи иқтисодии кишвар вобаста кардан ҷоиз аст. Ашхоси калонсол дар рушди иқтисодии кишвар саҳмгузор гардида, ба инкишофи захираҳои моддӣ-маънавӣ мусоидат намуда, ба рушди иқтисодиёти кишвар саҳмгузор хоҳанд шуд.

Аҳаммияти иҷтимоӣ: Диссертатсия, бешубҳа, ба масъалаи муҳимми иҷтимоӣ низ таваҷҷуҳ карда, дар рушди ҷомеа саҳми арзанда мегузорад. Ташвиқи таълими калонсолон дар доираи барномаҳои таълимии босифат метавонад ба эътирофи ин раванд мусоидат намояд, ки ин ба баланд бардоштани сатҳи иҷтимоии мамлакат ҳиссаи арзанда мегузорад.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Сафарзода Мунир Ватан аҳаммияти калони илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дошта, истифодаи амалии натиҷаҳои он ба рушди соҳаи маориф ва илми кишвар ва таълиму маърифатнокии калонсолон мусоидат хоҳад кард.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.**

Интишороти зиёди унвонҷӯ аз рӯйи мавзуи диссертатсия гувоҳи фаъолияти баланди илмӣ-таҳқиқотӣ ва асоснокии натиҷаҳои бадастомада мебошад. Нуктаҳои асосӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои таҳқиқот дар 60 мақолаи илмӣ ба табъ расидаанд. Аз ин теъдод 37 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Россия нашр шудаанд. Ин нишондиҳандаи муаллифи баркамол будани муаллиф мебошад. Муқаррароти асос ва натиҷаҳои таҳқиқот дар ҷаласаҳои илмии кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳӣ ва конференсияҳои

илмии дохилидонишгоҳии ҳайати профессорону омӯзгорон, докторантону магистрантон ва унвонҷӯёну донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ муҳокима карда шудааст.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.**

Диссертатсияи Сафарзода Мунир Ватан дар мавзуи «Назария ва амалияи андрагогика дар низоми такмили тахассуси кадрҳои педагогӣ дар шароити нави Ҷумҳурии Тоҷикистон» мутобиқ ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барасмият доровардa шудааст ва онро метавон чунин арзёбӣ намуд:

1. Методологияи дар таҳқиқоти диссертатсионӣ истифодашуда бо стандартҳои илмӣ ва талаботи Комиссия мутобиқ мебошад ва муаллиф методологияи самаранок ва мувофиқро барои таҳқиқи мавзуъ интихоб кардааст.

2. Дар диссертатсия натиҷаҳои амиқ ва воқеӣ пешниҳод шуда, маълумот ва хулосабарориҳо асоснок анд, натиҷаҳо бо маълумотҳои қаблӣ муқоиса ва хулосаҳои ба такмили низоми таълиму тарбия мувофиқ манзур шудааст.

3. Муаллифи диссертатсия самаранокии усулҳои пешниҳодшударо бо истифодаи методҳои арзёбӣ ва озмоишҳо собит намуда, мувофиқати диссертатсияро ба талаботи Комиссия таъмин намудааст.

Автореферат ба муҳтавои диссертатсия мувофиқ буда, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

**Эрод ва камбудиҳо ба диссертатсия.**

Бо вуҷуди дастовардҳои назаррас, ки дар тақризи мазкур баён гардид, дар диссертатсияи Сафарзода Мунир Ватан баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб, ғалатҳои оморӣ ва имлоӣ ҷой доранд. Аз ҷумла:

1. Доираи дарбаргирии рисолаи докторӣ дар сурати омӯзиш, таҳлил ва хулосабандии марказҳои таълими калонсолон ва филиалҳои Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони

соҳаи маориф дар минтақаҳои дигари ҷумҳурӣ (шаҳри Душанбе, вилояти Суғд, ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ) ҳалли проблема ва қимати корро ба маротиб меафзуд.

2. Ҳарчанд дар қисмати таҳлили таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ оид ба методология ва роҳу равиши таълими калонсолон дар адабиёти илмӣ афкори муҳаққиқон ва донишмандон таҳлил шуда бошад ҳам, нигоҳи интиқодии муаллифро бештар дидан мехостем. Таҳлил ва тавсифи натиҷаҳои бадастомада дар муқоиса бо таҷрибаи ҷаҳонӣ ва нишондиҳандаҳо арзиши рисоларо равшантар мекард.

3. Ба фикри мо, агар докторант дар матни диссертатсия нуқсиҳои услубӣ-техникии аз диди меъёрҳои забонӣ мавҷударо ислоҳ мекард, сифати кор хуб ва мутолиаи ин ба оммаи васеи хонандагон возеҳтар мегардид.

Нуктаҳои дар боло зикршуда метавонанд ба осонӣ ислоҳи худро ёбанд ва онҳо аз диди илмию таҳқиқотӣ ба муҳтаво, мазмун ва мундариҷаи асосии диссертатсия таъсир намерасонанд.

**Хулосаи ҷамъбастӣ.**

Диссертатсияи Сафарзода Мунир Ватан дар мавзуи «Назария ва амалияи андрагогика дар низоми такмили тахассуси кадрҳои педагогӣ дар шароити нави Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) ба талаботи Низомномаи Шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия ҷавобгӯ буда, муаллифи он Сафарзода Мунир Ватан сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 –

Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи ғайринавбатии кафедраи педагогикаи факултети педагогика ва варзиши МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» аз 20-уми ноябри соли 2025, суратҷаласаи № 4-А муҳокима ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 15 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 15 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест.

**Раиси ҷаласа:**
Мудири кафедраи педагогикаи
факултети педагогика ва варзиши
МДТ-и «ДДБ ба номи Носири Хусрав»
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент: Холмуродов Ф.Р.

**Эксперт:**
Доктори илмҳои педагогӣ,
профессори кафедраи педагогикаи
факултети педагогика ва варзиши
МДТ-и «ДДБ ба номи Носири Хусрав»: Абдураҳимзода Қ.С.

Котиби илмии ҷаласа, номзади илмҳои педагогӣ,
саромӯзгори кафедраи педагогикаи
факултети педагогика ва варзиши
МДТ-и «ДДБ ба номи Носири Хусрав»: Каримова М.М.

Имзоҳои «Ф.Р. Холмуродов, Қ.С. Абдураҳимзода ва М.М. Каримова»-ро тасдиқ менамоям.
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ-и «ДДБ ба номи Носири Хусрав»: Нажмиддинов М.М.

«20» ноябри соли 2025

**Маълумот барои тамос:**
Суроға: 735140, ш. Бохтар, кӯч. Айнӣ 67;
Тел: 8(3222)2-54-81, 2-22-53;
Почтаи электронӣ: bgu-1978@mail.ru;
Сомона: www.btsu.tj.